ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-117-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода оид ба диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Аликул дар мавзуи "Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ

Диссертатсияи **Қодирзода Муҳаббат Аликул** дар мавзуи **"Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба омӯзиши муқоисавию типологии воҳидҳои фразеологии дорои ҷузъи фитонимӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шуда, ба доираи масъалаҳои дар ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мавҷудбуда комилан мувофиқат мекунад, зеро дар он муқоисаи сохтор, маъно, вазифаи услубӣ, ангезаҳои миллӣ-фарҳангӣ ва масъалаҳои тарҷумаи воҳидҳои устувори ду забон анҷом дода мешавад.

Мазмуни бобҳо, хулосаҳо, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва маводди дар диссертатсия ва автореферат инъикосшаванда бо мавзуи тасдиқшуда мутобиқат доранд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти муаллиф иборат аст. Сохтор ва таносуби қисмҳои рисола ба талаботи таҳқиқоти илмӣ мувофиқ мебошанд.

Муҳтавои диссертатсия масъалаҳои фразеологияи муқоисавӣ, семантика, лингвокултурология ва назарияву амалияи тарҷумаро фаро мегирад. Дар рисола воҳидҳо аз рӯйи гурӯҳҳои фитонимӣ тасниф шуда, мувофиқатҳои пурра, қисман ва шартӣ, инчунин, ҳолатҳои алломорфизми образӣ ва сохторӣ муайян гардидаанд.

Таҳқиқот ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои филологӣ дар ҷумҳурӣ – омӯзиши муқоисавии забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ, таҳкими робитаҳои байнифарҳангӣ, рушди таҳқиқоти тарҷумашиносӣ ва таҳияи захираҳои луғавӣ мувофиқ мебошад. Натиҷаҳо метавонанд барои тартиб додани луғати дузабонаи фразеологизмҳои фитонимӣ ва маводди таълимӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷмуаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферати диссертатсия (гунаҳои тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад.

Дар диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Аликул истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад, ки тибқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ба роҳ монда шудааст.

Мавзуи онҳо бо бахшҳои асосии диссертатсия – назарияи фразеология ва фитонимия, таҳлили муқоисавӣ, вазифаҳои услубӣ, манбаъҳои пайдоиш, рамзияти миллӣ-фарҳангӣ ва масъалаҳои тарҷума робитаи бевосита дорад.

Бо дарназардошти шумора ва мазмуни интишороти пешниҳодшуда, талабот ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия риоя шудааст. Мақолаҳои нашршуда масъалаҳои асосии таҳқиқотро фаро гирифта, барои тасдиқи самт ва натиҷаҳои илмии он заминаи кофӣ фароҳам меоранд.

Дар боби якум заминаҳои назариявии фразеологизмҳои фитонимӣ, дар боби дуюм тасниф ва вазифаҳои маъноию услубии онҳо ва дар боби сеюм меъёрҳои муодилӣ, омилҳои миллӣ-фарҳангӣ ва роҳҳои тарҷума баррасӣ шудаанд. Чунин низоми бобҳо ба мантиқи ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот ҷавобгӯ мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳо ба ҷамъоварӣ ва муназзамсозии маводди тоҷикӣ ва англисӣ, истифодаи усулҳои тавсифӣ, муқоисавӣ, семантикӣ, компонентӣ ва лингвокултурологӣ, инчунин, ба таҳлили воқеии воҳидҳои фразеологӣ такя мекунад.

Натиҷаҳои бадастомада бо ҳадаф, объект, предмет ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд.

Асоснокии хулосаҳо аз он бармеояд, ки муаллиф фитонимро на танҳо ҳамчун номи растанӣ, балки ҳамчун маркази образ, воситаи баҳогузорӣ ва интиқолдиҳандаи маънои рамзӣ баррасӣ кардааст. Барои таҳкими ҷанбаи санадӣ дар муқаддима бояд ҳаҷми дақиқи маводди таҳлилшуда, сарчашмаҳои асосӣ ва меъёрҳои интихоби намунаҳо равшантар нишон дода шаванд.

Саҳми шахсии довталаб дар ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандии мавод, интихоби меъёрҳои таҳлил, муайян намудани дараҷаҳои мутобиқати байнизабонӣ, шарҳи омилҳои миллӣ-фарҳангӣ ва пешниҳоди роҳҳои тарҷума зоҳир мегардад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ муаррифӣ ва дар ҷаласаҳои илмии муассисаи иҷрокунандаи кор мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсия таҳқиқоти мустақилона ва анҷомёфта буда, масъалаи мушаххаси илмиро дар доираи фразеологияи муқоисавӣ ҳал менамояд. Он

дорои навгонии муайян, аҳаммияти назариявӣ ва имкони истифодаи амалӣ мебошад.

Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ҷиҳати дифоъ дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-117 дар назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мувофиқат мекунад.

Комиссияи ташхис пас аз баррасӣ ва таҳлили диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Алиқул ба чунин хулоса омад, ки дар номи диссертатсия бинобар сабаби мавҷуд будани калимаи русии "аналог" тағйирот ворид карда шавад. Номи диссертатсия дар шакли **"Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ ва мушобеҳи онҳо дар забони англисӣ"** пешниҳод карда шавад.

Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд, ки диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Алиқул дар мавзуи **"Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ ва мушобеҳи онҳо дар забони англисӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Алиқул дар мавзуи **"Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ ва мушобеҳи онҳо дар забони англисӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ дар асоси Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи **Қодирзода Муҳаббат Алиқул** дар мавзуи **"Воҳидҳои фразеологӣ-фитонимии забони тоҷикӣ ва мушобеҳи онҳо дар забони англисӣ"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-117 дар назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ **пешниҳод менамояд:**

– **Раҳмон Наргис Шариф** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Раҳимзода Муҳаммадназар Сафар** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** тавсия дода мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Ҷамшедов Парвонахон

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович

Имзоҳои П. Ҷамшедов, М.Б. Нағзибекова ва О.Ҳ. Қосимовро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Сиҷоатова Мунира Ғайратовна

«31» 10 соли 2026